***ТДУ 371.334***
***DOI:10.51844-2077-4990-2023-1-106-110***

# ТАТБИҚИ ПРИНСИПИ “ҲАМСОЛ БА ҲАМСОЛ” ЗИМНИ ТАШКИЛИ МАШҒУЛИЯТ БО ИСТИФОДАИ УСУЛҲОИ ФАЪОЛИ ТАЪЛИМ

***Мӯминова Истадҷон Сайфуллоевна****, омӯзгори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “ДДХ ба номи акад.Б. Ғафуров”(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# ПРИМЕНЕНИЕ ПРИНЦИПА «РАВНЫЙ-РАВНОМУ» ПРИ ОРГАНИЗАЦИИ ОБУЧЕНИЯ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ АКТИВНЫХ МЕТОДОВ ОБУЧЕНИЯ

***Муминова Истаджон Сайфуллоевна,*** *преподаватель кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ «ХГУ имени акад. Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

# APPLYING THE PRINCIPLE OF "PEER TO PEER" DURING THE ORGANIZATION OF TRAINING USING ACTIVE TEACHING METHODS

***Muminova Istadjon Sayfulloevna****, teacher of Social and Professional Pedgogy Department of SEI “Khujand State University named after acad. B.Gafurov” (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:****uchzaphgu@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *таҳсилот, усулҳои фаъоли таълим, ҳамкорӣ, фаъолияти гурӯҳӣ, самаранокӣ, машварат, имконият, принсипи таълим*

*Дар мақола масъалаи нақши таъсири бевоситаи истифодаи самараноки усулу воситаҳои муосири таълим ба ислоҳоти соҳаи маориф, аз ҷумла инсонгароӣ ва демократисозии раванди омӯзишу парвариш насли наврас мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф бар он аст ақида, ки татбиқи фановариҳои муосири таҳсилот барои ташаккули руҳияи коллективизм, ҳамдигарфаҳмӣ ва маҳорати кори дастаҷамъона метавонад кумак намояд. Тазаккур меравад, ки ташкили фаъолияти таълим тибқи принсипи “ҳамсол ба ҳамсол” (омӯзиши ҳамтоён) имкони ташаккули фардӣ ва гурӯҳии хонандагонро фароҳам оварда, барои вусъати доираи ҷаҳонбинӣ, дарки мӯҳтавои маводи таълим ва равнақи қобилиятнокӣ мусоидат менамояд.*

***Ключевые слова:*** *обучение, активные методы обучения, сотрудничество, групповая деятельность, эффективность, консультация, возможность, принцип обучения*

*В статье рассматривается роль эффективного использования современных методов и средств обучения на реформирование сферы образования, в том числе на гуманизацию и демократизацию процесса обучения и воспитания подрастающего поколения. Автор считает, что применение активных методов обучения может способствовать развитию духа коллективизма, взаимопонимания и навыков работы в команде. Отмечается, что организация учебной деятельности по принципу «равный-равному» дает возможность формированию личности школьника, способствует расширению мировоззрения, пониманию содержания учебных материалов и развитию способностей.*

***Key words:*** *education, active teaching methods, cooperation, group activity, effectiveness, consultation, opportunity, principle of education*

*The article discusses the role of the direct influence of the effective use of modern teaching methods and means on the reform of the education sector, including the humanization and democratization of the process of education and upbringing of younger generation. The author believes that the application of modern educational technologies can help to develop the spirit of collectivism, mutual understanding and teamwork skills. It is noted that organization of educational activities according to the principle of "peer education" provides an opportunity for individual and team-work of students, contributes to the expansion of the worldview, understanding of the content of educational materials and the development of abilities.*

Ислоҳоти соҳаи маориф аз дигаргунсозиҳо дар мазмуни тахсилот ва ҷорӣ намудани фановарихои нави педагогӣ ва усулҳои замонавии таълим вобаста аст. Дар раванди дарс татбиқи боиси ба вукуъ омадани дигаргуниҳои сифатӣ дар таълим ва пешравию вусъати зеҳни толибилмон мегардад. Усулҳои фаъоли таълим, ки дар сатҳи байналҳалқӣ эътироф гаштаанд, барои гузаронидани машғулиятҳои омӯзишӣ ва ҳамчунин семинару тренингҳо ва умуман чорабиниҳои вақти камро талабкунанда истифода мегарданд. Муаллим, ки дар ин маврид ҳамчун (фасилитатор) мусоидаткунанда ширкат меварзад, шахсе мебошад, ки ба як гурӯҳи хонандагон кӯмак мекунад, ки якҷоя беҳтар кор кунанд, ҳадафҳои муштараки дастаро дарк кунанд ва тавассути муҳокимаҳо чӣ гуна расидан ба ин ҳадафҳоро ба нақша гиранд. Дар ин маврид (фасилитатор) мусоидаткунанда «бетараф» мемонад, яъне дар мухокима мавқеи мушаххасро ишғол намекунад.

Мақсади асосии истифодаи усули фаъоли таълим, ин ба тезӣ ва дар муддати кутоҳтарин, аз худ кардани (омӯзонидани) маълумоти зарурӣ, баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаҳои ҳаётӣ мебошад, ки он ба таҳкими қобилият ва маҳорати ровигию шунавандагӣ, рушди малакаҳои сарварию ташкили команда, бедор кардани ҳисси инсондустӣ ва ғайра мусоидат менамояд.

Усулҳои фаъоли таълим, пеш аз ҳама бо хусусияти мутобиққунияшон машҳуру маъруф гаштаанд, яъне дилхоҳ фарди солимақл ва соҳибзаковат хоҳ нохоҳ ба ин ва ё он самтҳои афзалиятноки фаъолияти дастаҷамъона мутобиқ мегардад. Ҳамин гувоҳ ба он аст, ки дар дастаҷамъӣ фаъолият кардан нисбат ба амалиёти инфиродӣ пурсамартар аст ва он имкони тез ба ҳадаф расиданро таъмин мегардонад.

Ба роҳ мондани раванди таълим дар ҳамкорӣ на танҳо ба манфиати ҳар фард, инчунин ба фоидаи гурӯҳ низ ҳаст, зеро он имкон медиҳад, ки дониш дар ҳамкорӣ бунёд гардад ва барои ба мақсад комёб гаштан дониш ва маҳорату малакаҳои зарурӣ истифода шавад.

Мутафаккирону файласуфон чӣ дар гузашта ва ҳам имрӯз атрофи ин масъала изҳори ақида карда, таъкид намудаанд, ки тавассути омӯзиш дар ҳамкорӣ таълимгиранда ду маротиба меомӯзад ва ба ин васила имконият пайдо мекунад, ки донишҳояшро қавию мустаҳкам гардонад.Асосҳои назариявии таълим дар ҳамкориро якчанд назарияи илмӣ ташкил медиҳанд, ки муҳимтарини онҳо конструктивизм (Ҷ. Дюи), назарияи рушди зеҳн (Ж.Пиаже) ва назарияи вобастагии мутақобилаи иҷтимоӣ (Л.С.Висотский) ба ҳисоб мераванд [3,с.87].

То кадом андоза самаранок ба роҳ мондани ҳамкорӣ дар гурӯҳ ба якчанд амали асосии зерин вобаста аст:

***1. Ташаккули ваҷҳ ба омӯзиш*** дар толибилмон баробари ташкили гурӯҳ, фароҳамсозии шароити кор ва усулҳои корбарӣ, бисёр муҳим аст, зеро агар дар толибилмон нисбат ба омӯзиш майлу хоҳишу рағбат бедор карда нашавад, натиҷаи кору фаъолият самаранок намегардад ва ҳамкории ҳақиқӣ ба амал намеояд. Бинобар ии бояд ҳамин гуна шакли муоширатро интихоб намуд ва ба он муваффақ шуд, ки ҳамаи аъзои гурӯҳ новобаста ба қобилияташон дар иҷрои супориши пешниҳодшуда ҳиссагузор бошанд.

Бедорсозии ваҷҳи омӯзиш (ҳавасмандгардонӣ) метавонад дар шакли баҳодиҳӣ бо хол, додани нишон, таърифи шифоҳӣ, рӯҳбаландкунӣ ва ғайра зоҳир гардад.

*2. **Эҳсоси масъулияти шахсӣ*** дар он зоҳир мегардад, ки ҳар як толибилм аз фаъолияти якдигар бояд огоҳ бошад ва дар мавриди зарурӣ ба ҳам дасти ёрӣ дароз намояд, дарк карда тавонад, ки муваффақият ва нобарории кори гурӯҳ ба фаъолияти ҳар як аъзои он вобаста аст. Инчунин маводи додашударо чунон аз бар кунад, ки ҳар як толибилм оид ба он чун коршинос баромад карда тавонад.

*3.**Имконияти якхела доштан.*** Доштани имконияти якхела ин маъниро дорост, ки ҳар як толибилм метавонад муваффақияту дастовардҳои қаблии худро такмилу инкишоф диҳад, яъне ҳар кадом вобаста ба қобилияту имконоти худ меомӯзад ва ба гурӯҳи худ холҳои иловагӣ меоварад ва ин холҳо дар асоси беҳтар намудани натиҷаи нишоидиҳанда ва дастовардҳои пештараи худ ба даст меоянд. Ҳамин тавр, муқоисакунӣ на ба муваффақияту дастовардҳои толибилмони дигар, балки бо нишондиҳандаю дастовардҳои худи ӯ ба амал меояд.

Аз ин рӯ, мавриди ҷалби хонандагон зарур аст, ки аз рӯи принсипҳои интихоб амал намояд, яъне барои амалӣ гаштани мақсадҳои машғулият ва бомуваффақият анҷом ёфтани он мебояд хонандагони нисбатан фаъолро, ки қудрати аз худ кардани бемамониати дилхоҳ маводи таълимро доранд, интихоб намуд.

Истифодаи усулҳои фаъоли таълим ба принсипҳои зайл асос мегирад:

• ҷалби диққати иштироккунанда ва дар муддати кӯтоҳ ба мақсад ноил гардонидани онҳо;

•иштироки озодона, фаъол ва бо тамоюл;

•иштироки на зиёда аз 20 нафар ширкаткунанда дар машғулият;

•пешниҳод ва қабули мустақилонаи қоида ва тартиби рафтори ширкаткунанда мавриди ташкили машғулият;

• иштироки бевоситаи ширкаткунанда дар раванди машғулият.

Ҳангоми ташкили машғулият дар бисёр ҳолат воситаҳои аёнӣ ба монанди қоғазу қаламҳои гуногуни ранга, маводи тақсимотӣ, видео - филмҳо ва ғайра истифода мегарданд, ки ба дучанд аз худ кардани маълумот ба хонандагон мусоидат менамояд.

Мавриди гузаронидани машғулият усулҳои таълим ба монанди ҳуҷум фикрӣ, ки малакаи суханронии шахсро устувор мегардонад, бозӣ дар нақшҳо, ки ниқоби шармгинии шахсияти

хонандаро мешиканад, ба иштироккунанда барои худро озод ҳис кардану ба синф мутобиқ шудан шароит фароҳам меорад, кор дар гурӯҳҳои хурд, ки ба шахс шароит фароҳам меорад то мустақилона кор кунад, ақида ва нуқтаи назари худро мустақилона таҳия намояд ва бо рӯҳбаландӣ дар рафти машғулият ширкат варзад, истифода мегарданд.

Бартарии ин тарзи ташкили ҷараёни таълим дар он аст, ки хонанда дар равиши он, яъне дар гузаронидани машғулият бевосита иштирок мекунад. Дар он шахси хонанда озодона савол медиҳад, баҳсу мунозира мекунад, ақидаи худро озодона изҳор менамояд, тартибу қоидахои дилхоҳи машғулиятро дар якҷоягӣ бо ҳамсабақон пешниҳод ва интихобу қабул менамояд.

Мавриди истифодаи усулҳои муқаррарии таълим бошад, хонанда аз ин гуна имкониятҳо маҳрум аст.

Усули фаъоли таълим талаб мекунад, то таълимгиранда дар ҷараёни амалигардии он фаъолона иштирок намуда, ақидаҳои худро озодона ва бемамониат изҳор намояд.

Исботи ин тасдиқро бо баъзе нуқтаи назар ва ибрози ақидаи иштироккунандаи машғулияти машваратии омӯзгорон, ки бо усулҳои фаъоли таълим гузаронидашудааст, тақвият додан мумкин аст, ки зикр кардаанд: "Хуб мешуд, ки чунин машғулият дар мактабҳо низ ҳангоми дарсҳои ҳаррӯза гузаронида мешуд!", яъне онҳо хоҳиш доранд, ки дарсҳои ҳамарӯзаи онҳо бо ҳамин гуна усулҳои таълим ташкил карда шаванд.

Ба саволи "Чаро Шумо мехоҳед, ки дар мактаб маҳз ҳамин гуна машғулият ташкил карда шавад?" ҷавоб доданд: "Чунки дар ин машғулиятҳо бо мо ҳар гуна бозиҳо мекунанд, ба ягон ҳаракат маҷбур намекунанд, ба суханҳоямон гӯш мекунанд, мо худамон мустақилона кор мекунем, худро озод ҳис мекунем, мавзӯъҳо осонфаҳм мешаванд".

Яке аз принсипҳои маъмули татбиқи усулҳои фаъоли таълим "омӯзиши ҳамтоён" ё "ҳамсол ба ҳамсол" ба ҳисоб меравад. Ин фаъолиятест, ки аз муносибати байниҳамдигарии ду ва ё зиёда шахси ҳамсинну сол иборат буда, барои омӯзиш ва расонидани иттилооти муфид ва манфиатнок ба якдигар равона гаштааст.

Омӯзиш аз рӯи принсипи «ҳамсол ба ҳамсол» - ин ҷараёнест, ки дар он хонанда миёни ҳамсолони худ чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ ташкил намуда, дар муддати кӯтоҳтарин онҳоро бо маълумоти зарурӣ таъмин менамояд.

Мақсади асосии омӯзиш аз рӯи принсипи «Ҳамсол ба ҳамсол» фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофи мустақилона ва худамалигардонӣ нисбат ба муносибат, тассавурот ва малакаҳои ҳаётӣ байни ҳамсолон мебошад.

Мавриди фаъолият аз рӯи ин принсип муаллим (шахси маълумотрасон) ва шунаванда (таълимгиранда) иштирок мекунад. Дар ин муносибат муаллим шахсест, ки дар дилхоҳ соҳаи фаъолият омӯзонида шудааст ва шунаванада шахсест, ки оид ба ҳамин соҳаи фаъолият тассавурот надорад, маълумоти кам дорад ва ё барои аз худ кардани он соҳа ниёз дорад.

Машғулият аз рӯи принсипи «ҳамсол ба ҳамсол» бо таври зерин ташкил кардан мумкин аст:

- ташкили машғулиятҳо (семинарҳо, тренингҳо);
- саҳнаҳои ҳаҷвию таълимӣ ва муҳокимаи нақшҳо дар он;
- сӯҳбатҳои озод бо ҳамсолон дар маҳфилҳо, боғҳои фароғату фарҳанг;
- озмун ва викторинаҳо;
- озмунҳои ва варзишӣ ва ғайра.

Бартарияти принсипи "ҳамсол ба ҳамсол" дар байни хонандагон дар он аст, ки мавриди ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо барои хонандагон дар ташкил ва гузаронидани он худи хонандагон ширкат меварзанд. Муқараррист, ки дар ҳолати гузаронидани дилхоҳ чорабинӣ аз тарафи шахси ҳамсол бештар маъкул ва ҳаловатпазир аст, нисбат ба оне ки дар гузаронидани чорабинӣ шахси калонсол иштирок мекунад.

Дар ташкили дилхоҳ чорабинӣ аз ҷониби шахси калонсол хоҳ нохоҳ шахси хурдсол худро ноҳинҷор ҳис мекунад, бо тарсу ҳарос иштирок мекунад ва худро маҷбур месозад, то чизе аз худ кунад. Аз натиҷаи тарсу ҳарос ва ноҷо ҳис кардани худ, шахси шунаванда наметавонад ҳамаи маводи заруриро то дараҷаи лозимӣ аз худ намояд.

Мавриди гузаронидани чорабинӣ аз тарафи шахси ҳамсол бошад ҳамсӯҳбати ӯ, яъне шунаванда, ҳамсинну сол будани ӯро дар назар гирифта худро озод ҳис мекунад, ба баъзе ҳаракатҳои зарурӣ худро имкон медиҳад, бе тарсу ҳарос иштирок мекунад, саволу ҷавоб ва баҳсу мунозира мекунад. Ва айён аст, ки аз натиҷаи чунин иштирок фарди ҳамсол ҳаматарафа ташаккул меёбад, маводи заруриро вобаста ба иқтидори зеҳниаш аз худ мекунад ва аз ҳама муҳимаш барои ӯ рафтори ҳамсоли ровӣ, дараҷаи саводнокии он намунаи ибрат мегардад. Ин

ақидаро боз чунин тақвият додан мумкин аст, ки: одатан дар мактаб шахси калонсол (муаллим) ба хурдсол (хонанда) дарс мехонад. Ва тассавур кардан мумкин аст, ки ҳар яке аз мо зинаи таълимии мактабиро гузаштаем ва медонем, ки то кадом дараҷа муносибат байни хонанда ва муаллим ба роҳ монда шудааст.

Новобаста аз он, ки методикаи таълим муносибати нарми байниҳамдигарии омӯзгор ва хонандаро талаб мекунад ва меомӯзонад, воқеист, ки шахси калонсол нисбат ба шахси хурдсол дар ҳаёти ҳамарӯза назарбаланд рафтор мекунад. Шахси ҳамсол бошад, хоҳ нохоҳ бо эҳтиром муносибат мекунад, чунки аз нигоҳи дониш, агар назари баланд дошта бошад, аз нигоҳи синнусол қудрати баробарӣ доранд. Мутаасифона, муносибатҳои имрӯзаи муаллим нисбат ба хонанда муносибатҳое мебошанд, ки ба шунаванда (талаба) на имконияти фаъол, маълумотнок соҳибмаърифат шудан медиҳад, балки ба рӯҳафтода шудан ва суст шудани фаъолияти таълимии онҳо оварда мерасонад. Дар навбати худ, хонанда дар ин ҳолат, худро озод ҳис карда наметавонад, бе тарсу ҳарос ва фаъолона иштирок карда наметавонад ва муқаррарист, ки бо назардошти иқтидори зеҳниаш ва тарсу ваҳми вокеӣ маводи дарсиро пурра аз худ карда наметавонад.

Акнун, мо дар ҳамин ҷо ба таври васеъ бартарияти принснипи “ҳамсол ба ҳамсол”-ро баҳо дода метавонем.

Воқеан ҳам, таҳия ва амалигардонии барномаи таълим ва аз рӯи приснипи “ҳамсол ба ҳамсол” дар макотиби ҳамагонӣ ғайривоқеъист, лек бо истифодаи ин принсипи омӯзиш, ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои ҳамарӯзаи таблиғотию маърифатӣ, аз ҷумла миёни кӯдакони синфҳои ибтидоӣ ва ҷавонон айни мудаост.

Масалан, дар гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ мисли: тренингҳои омӯзишӣ, семинарҳо, мизҳои мудаввар, озмунҳо бо иштироки бевоситаи худи шахси ҷавон бамаврид аст. Ҳангоми гузаронидани чунин чорабиниҳо, фаъолияти зеҳнии шахси ҷавон инкишоф меёбад, ҷаҳонбинии ӯ васеъ гашта, маҳорати сарварӣ ва нутқ, дар ниҳоди ӯ ташаккул меёбад, инчунин ҳамсолон низ бодиққат ӯро гуш карда, рафтор, ҳаракат ва маълумоти иброзкардаи ӯро ҳамчун намунаи ибрат қабул намуда, рафтору кирдори худро тағйир медиҳанд.

Дигар он ки, ҳини гузаронидани чорабиниҳои иттилоотӣ (тренинг, семинар) аз тарафи шахси ҷавон, новобаста аз дараҷаи маълумотнокияш шахси ҳамсоли шунавандаи ӯ бо назардошти синнусол худро озод ҳис мекунад, тарсу ваҳмро аз худ дур месозад, баҳсу мунозира доир мекунад, нисбат ба мавзӯъ баромад мекунад, мустақилона кор мекунад ва ғайра.

Бевосита шахс дар ин ҳолат имкони ташаккулёбӣ дорад, доираи ҷаҳонбиниаш васеъ мегардад, маводи заруриро вобаста ба қобилиятнокиаш ба тезӣ аз худ мекунад.

Хусусиятҳои принсипи “ҳамсол ба ҳамсол”

• мунтазам бурдани таблиғот байни ҳамсолон, мусодат ба баландгардии сатҳи маърифатнокии ҳамсолон;

• эҳтироми фикру ақида ва манфиатҳои якдигар;

• расонидани маълумоти дуруст ва оммафаҳм;

• ҷалб ва ҳавасманд намудани ҳамсолон ва маълумотнокгардонии онҳо;

• фароҳам овардани шароити мусоид барои озод ҳис кардани ҳамсолон ва таъмини иштироки фаъоли онҳо дар ҷараёни сӯҳбат ва вохӯриҳо;

• ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳамсолон;

• махфӣ нигоҳ доштани сиру асрори шахси ҳамсол.

Бартарияти амалӣ намудани чорабиниҳои фарҳангигию маърифатӣ аз рӯи принсипи “ҳамсол ба ҳамсол” дар он аст, ки дар он шахс фаъолона иштирок мекунад, имконияти васеъи аз худ кардани маълумотҳоро пайдо мекунад [5,с.81].

Ҳамчунин, яке аз хусусиятҳои асосии ин принсипи фаъолият дар он аст, ки шахси ҷавони омӯзонидашуда ҳамин иқдомро нисбат ба шахсони дигари ҳамсол давом медиҳад, корҳои таблиғотӣ мебарад, вохӯрӣ ва сӯҳбатҳо ташкил карда, ҳамсолони худро бо маълумоти зарурӣ фаро мегирад. Ва ҳамсолони ӯ, ки доир ба ин ва ё он маълумот бархурдор гаштанд, ба дигар дӯстони худ чорабиниҳои таблиғотӣ ташкил мекунанд.

Хулоса, истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар омӯзиши фанҳои таълимӣ аҳамияти калон дошта барои баланд бардоштани сифати таҳсилот таккони ҷиддӣ хоҳад дод.

Истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар амал нишон дод, ки шеваи нави тадрис ҳадафманд, ва босифат сурат гирифта, ба демократӣ Инсонӣ шудани таҳсилот ангезаи ҷиддӣ дода истодааст.

Самаранокии таълим аз маҳорати касбии омӯзгор ва шахсияти ӯ вобаста аст. Ҳар қадар маҳорати касбии ӯ сайқал ёфта, ҷанбаи инсониаш баланд ва сифатҳои шахсиаш мукаммал гашта бошанд, ҳамон қадар оид ба самаранокии раванди омӯзиш ҳукм баровардан имконпазир мегардад.

Омӯзгор аз таҷрибаҳои пешқадами педагогӣ ва усулҳои навоваронаи омӯзиш бояд пурра огаҳ бошад ва дар раванди таълим онҳоро бамаврид истифода намояд.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Алексеев, Н.А. Личностно-ориентированное обучение: Вопросы теории и практики/ Н.А.Алексеев.-Тюмень: Изд-во Тюмен. гос. ун-та, 1997.-364с.
2. Амонашвили, Ш.А. Воспитательная и образовательная функция оценки учения школьников/Ш.А.Амонашвили.-М.:Педагогика,1984.-237с.
3. Беспалъко, В.П. Педагогика и прогрессивные технологии обучения/В.П.Беспалъко.-М.,1995.-356с.
4. Лутфуллоев,М. Дарс/М.Тутфуллоев-Душанбе, Маориф 1995.-146с.
5. Марион, Янг. Фахриддин Мирзоахмедов. Татбиқи усулҳои фаъоли таълим. Дастурамал барои омӯзгорони Ҷумҳурӣ/Янг Марион.- Душанбе, 2002,-86с.
6. Мирзоахмедов, Ф. Зарурати татбиқи усулҳои фаъоли таълим /М.Мирзоахмедов //Омӯзгор/.-№26.-,2002.-С.5-6


## REFERENCES:


1. Alekseev, N.A. Student-centered teaching: Problems of theory and practice. - Tyumen: Publishing House of Tyumen State University, 1997.-364 p.
2. Amonashvili, Sh.A. The upbringing and educational function of assessing the learning of schoolchildren. - M.: "Pedagogika", 1984.-237p.
3. Bespalko, V.P. Pedagogy and progressive technology of teaching.-M., 1995.- 356 p.
4. Lutfulloev, M. Lesson Dushanbe, Maorif 1995.-146 p.
5. Marion Young, Fakhriddin Mirzoakhmedov. Applying active teaching methods. A Handbook for teachers of the Republic. Dushanbe, 2002, 86 p.
6. Mirzoakhmedov, F. The necessity of applying active teaching methods.Omuzgor,No.-26, Dushanbe. 2002.-P. 5-6.